ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ С. АЙНӢ

**С. ШЕРБОЕВ**

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**(*Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон*)**

**Бо қарори №23/37-и Мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2008 ба ҳайси китоби дарсӣ тасдиқ карда шудааст.**

**ДУШАНБЕ – 2009**

ББК 81.2 тоҷик Я92+74.261,4
Ш-52

**Шербоев Саидбой.** Методикаи таълими забони тоҷикӣ (*Барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон*) — Душанбе: Шуҷоиён, 2009. — 456 с.

**Муқарризон:** М. Лутфуллоев
А.Муллоев
Ҷ. Саидов

**Муҳаррир:** Ф. Зикриёев

*Инак, нахустин китоби дарсии «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олии Тоҷикистон таълиф шудааст. Дар ин китоб, сарфи назар аз он ки бори аввал дастраси хонандагон мегардад, муаллиф кӯшиш ба харҷ додаст, ки дар маҷмӯъ масъалаҳои асосии назариявию амалии методикаи таълими забони тоҷикӣ ба таври мушаххас ҳаллу фасли худро ёбанд.*

*Аз ин рӯ, китоби мазкур на танҳо барои донишҷӯён, балки барои омӯзгорони филологи мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва инчунин, аспирантону унвонҷӯёни машғули пажӯҳиши соҳаи таълими забони тоҷикӣ буда раҳнамое хоҳад буд.*

ISBN 978-99947-69-02-5

© С.Шербоев, 2009

Ба профессор Шербоев С. ёдгорӣ

## САРСУХАН

Зиёда аз 70 сол ин ҷониб таълими курси методикаи таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои филологии мактабҳои олӣ ба роҳ монда шуда, марбути он бо мақсади риояи низоми дарсҳои лексионӣ ва машғулиятҳои амалӣ (семинарӣ)-ву таҷрибавӣ (лабараторӣ) чаҳор маротиба барномаи таълими (солҳои 1959, 1964 аз тарафи А.Эшонҷонов; солҳои 1987, 2001 аз тарафи С.Шербоев) мураттаб шуда бошад ҳам, аммо доир ба ин фан то ба имрӯз боре ҳам китоби дарсӣ навишта нашудааст, то ки донишҷӯён ҳангоми тайёрӣ ба дарсҳои амаливу таҷрибавӣ ва санҷишу имтиҳонот ба он, ҳамчун ба як маъхази боэътимод, такя намуда тавонанд. Ҳоло боиси хушнудист, ки нахустин китоби дарсии мазкур таҳти унвони «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» аз тарафи профессор С.Шербоев баррасӣ гардидаасту саравал, дастраси донишҷӯёни филолог шудани он боиси аз байн рабудани чанде аз мушкилоти дар фавқ номбурда хоҳад гашт.

Китоби мазкур, асосан, зимни такя намудан ба услуби китобнависии методистони номӣ (В. В. Текучев, Н. С. Поздняков, А. В. Дудников, М. Т. Баранов, Т. А. Ладыженская, В. М. Чистяков, А. Эшонҷонов ва дигарон) ва таҷрибаи зиёда аз 25-солаи муаллиф, ки худ аз курси методикаи таълими забони тоҷикӣ ба донишҷӯён таълим медиҳад, таълиф шуда, таркибан ду фаслро дар бар мегирад. Фаслҳои китоб яке «Масъалаҳои умумии методикаи таълими забони тоҷикӣ» ва дигаре «Таълими фаслҳои курси мактабии забони тоҷикӣ» унвон дошта, фасли аввал дар 5 боб, дуввумӣ дар 10 боб тарҳрезӣ гардида, дар маҷмӯъ масъалаҳои умумӣ (предмет, вазифа ва мақсади таълими курси методикаи забони тоҷикӣ, принсипҳо, методу усулҳо, шаклҳои ташкили машғулиятҳои таълим, нақшаҳои кории муаллим аз забони тоҷикӣ ва ғ.) ва мушаххасу мухталиф (методикаи масъалаҳои асосии таълими фонетика, калима ва воҳидҳои фразеологӣ, масъалаҳои умумии таълими грамматика, инчунин, мавзӯъҳои як андоза мураккабтари таълими қисмҳои он-морфология ва синтаксис)-и забони

тоҷикиро дар худ инъикос намудаанд. Ба ҷуз ин, гарчи дар китоб чи дар фасли аввал ва чи дар фасли дуюмаш вобаста ба мавриде масъалаҳои таълими имло ва аломатҳои китобат борҳо таъкид ёфта бошад ҳам, боз доир ба ин ду масъалаи муҳим бобҳои алоҳида (XII, XIII) бахшида шудааст, ки истифодаи ӯҳдабароёна аз муҳтавои дастуру супоришҳои дар ин бобҳо баррасишуда, ба назари мо, баҳри баланд бардоштани малакаҳои имлоӣ ва пунктуатсионии хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ бемусоидат нахоҳад монд. Ҳамчунин, масъалаи ташкилу ба роҳ мондани корҳои беруназсинфӣ (беруназмактабӣ низ) аз забони тоҷикӣ ва таъсиси кабинети забони тоҷикӣ то ба имрӯз дар мактабҳо ҷавобгӯи талабот нест, ки дар ин бобат аз бобҳои XIV ва XV-и китоб метавон маълумотҳои мушаххасро дарёфт. Ниҳоят, таъкид бояд намуд, ки дар китоб вобаста ба таълими мавзӯъҳои мушаххас зиёда аз 45 таблитсаи мавзӯиву истилоҳотӣ пешниҳод гардидааст, ки маҳз аз тарафи омӯзгорон бамавриду ӯҳдабароёна истифода карда шуданашон баҳри аёниву самаранок таълим додани, хусусан, мавзӯъҳои мураккабтари забони тоҷикӣ такони пурарзише мебуд.

Ба ҳамин манзур, дар ҳамин шакл ва мазмуну мундариҷаааш рӯи кор омадани нахустин китоби дарсӣ – «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» барои факултетҳои филологии мактабҳои олӣ иқдоми нек буда, ҳар чӣ зудтар дастраси донишҷӯён ва ҳатто омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик гардидани он баҳри баланд бардоштани сифати таълими курси методикаи забони тоҷикӣ дар мактабҳои олӣ, шӯъбаҳои филологии коллеҷҳои омӯзгорӣ ва таълимӣ забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон бағоят кори хайре мебуд.

*М. Лутфуллоев, - академики Академияи илмҳои педагогии Тоҷикистон*

*06.11.2008*

## МУҚАДДИМА

Тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар мактабҳои олии омӯзгорӣ дар сурате имконпазир мегардад, ки агар онҳо дар баробари донишҳои назариявии марбути ихтисосашон дар мактаб, ҳамчунин, бо силсилаи дониши фанҳои педагогӣ – педагогика, психология ва методика (методикаи таълими фанни мушаххас, масалан, методикаи забони тоҷикӣ) ҳам мусаллаҳ карда шаванд. Он донишҳои педагогӣ ба донишҷӯён, агар аз як тараф ба тавассути қироати лексияву ташкили дарсҳои амаливу таҷрибавии устодон ва бо роҳи сафарбар намуданашон ба таҷрибаи педагогӣ (омӯзгорӣ)-и кӯтоҳмуддат ва ё дарозмуддат, ки таҳти сарварии устодон аз се кафедра (педагогика, психология ва методикаи таълим) таъсис дода мешавад, баррасӣ гардад, аз тарафи дигар, бо роҳи китобҳои дарсии фанҳои мазкурро мустақилона омӯхтану конспект намуданашон (ҳангоми тайёрӣ дидан ба дарсҳои амаливу таҷрибавӣ ва ё омодагӣ гирифтан ба супоридани санҷишу имтиҳонот) дастрас хоҳанд гашт. Аммо то ба имрӯз, ба хусус, барои мактабҳои олии Тоҷикистон, аз ҷумла, мактабҳои олии омӯзгорӣ китобҳои дарсӣ аз фанҳои педагогика ва психология ду се маротибагӣ навишта ва ё аз забони русӣ тарҷума ва дастраси донишҷӯён гардонида шуда бошанд ҳам, мутаассифона, то ба ҳол китоби дарсии методикаи таълими забони тоҷикӣ барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ мураттаб нагардидааст.* Яъне дар тамоми тӯли солҳои мавҷудияти Давлати Шӯравӣ ва аз давраи соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон то ба имрӯз донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ дар ҳамаи ҳолатҳо –тайёрӣ дидан ба санҷишу имтиҳонот аз методикаи таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла, дар давраҳои таҷрибаомӯзӣ, ҳамчунин, дар давраи пас аз

---

* **Таъкид.** Таҳти унвони «Методикаи забони тоҷикӣ дар мактаби миёна» (қисми 1) соли 1985 аз тарафи М. Қурбонов дастуре навишта шуда буд. Вале он гарчи ба ҳайси дастури таълим барои донишҷӯёни факултетҳои филологии мактабҳои олӣ низ пешниҳод гардида бошад ҳам, фарогири на ҳамаи масъалаҳои умумию назариявии методика ва таълими забони тоҷикист. Ба ҷуз ин, қисми II – и дастури мазкур.